# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошмрати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Дар ҳакикат муҳиммият ва зарурати омӯзиши созгории омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нисбати муоширати педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба якчанд мушкилот мувоҷеҳ аст, ки оид ба ин масъала дар автореферати диссертатсия зикр карда шудааст. .

Мувофиқи автореферати тоҷикӣ ва русии диссертатсия маълум мегардад, ки рисолаи илмӣ дорои мукаддима, 2 боб, хулоса, 13 ҷадвал, 12 расм ва 198 адабиёт иборат буда дар 176 саҳифа тахия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимавӣ мубрамии мавзуи таҳқиқоти илмӣ асоснок гашта, дастгоҳи илмии автореферати диссертатсия таҳия карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Масъалаи баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошмрати педагогӣ» ҷанбаи педагогии масъалаи мутобикгардонии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ, муошмрати педагогӣ ва нақши он дар мутобикшавии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошмрати педагогӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсияи худ Давлатов М.А. «Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошмрати педагогӣ» ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо таҳлилу баррасӣ намуда, оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошмрати педагогӣ хулосабарорӣ намудааст.

Мақсад, мундарича ва усулҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқотро унвонҷӯ зимни кору фаъолияти тачрибавӣ-озмоишӣ истифода бурда, натичаи онро тавассути чадвалҳо ифода намудааст.

Унвонҷӯй қисматҳои амалии таҳқиқоти диссертатсиониро дар 6 муассисаи таҳсилоти умумии шаҳри Кӯлоб ва Филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб гузаронидааст.

Нуқтаҳо ва муқаррароти назариявӣ дар рафти корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, дар шароити табиии раванди таълим дар омӯзиши омӯзгорони ҷавон, курсҳои махсуси давраи тачрибаи касбии омӯзгорӣ амалӣ гаштааст. Дар озмоишу тачрибаҳо 144 нафар, аз ҷумла 80 омӯзгор, 64 донишомӯз ширкат варзиданд.

Зимни ташкил ва гузаронидани корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ унвонҷӯй ба хулоса омадааст, ки ки дар коллеҷ, донишгоҳу донишкадаҳо таълими муошрати педагогиро ба роҳ мондан зарур аст, то бад-ин васила дараҷаи азбаркунии муошират дар байни муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ роиҷ гардида, ташаккули шахсияти онҳо боло равад. Чунин амал имкон фароҳам меорад, ки омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳамаҷониба нисбати муошрати педагогӣ бо муҳассилин омода карда шаванд ва дар онҳо малакаи фикррронӣ ва дурусту нишонрас ибрози ақида намудан ташаккул ва рушд ёбад.

Хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ дар 10 банд ба тариқи мушаххас ва алоҳидаю пайгирии мантиқӣ оварда шудаанд. Мувофиқи маълумоти автореферат тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ мавҷуданд.

Автореферати диссертатсия босаводона, бо забони илмӣ ва фаҳмо таҳия гардида, дар он масъалаҳо пай дар пай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои ба дастомада ифодагари онанд, ки унвонҷӯ доир мавзуи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқикот ҷиддӣ кор бурдааст. Ба хотири инъикоси хубтари мавзуъ унвонҷӯ дар рисолаи хеш аз расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда васеъ истифода намудааст.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 16 мақола ва 1 монография нашр намудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар автореферати рисолаи мазкур, дар баробари муваффакиятҳои зиёд, баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам афзудани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд агар ҳар як боби таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ибтидо бо бахшҳои "Мулоҳизаҳои муқаддимотӣ" оғоз мешуданд;

2. Ҳаҷм ва андозаи тавсифи бобу хулосаҳои бобҳо дар автореферат мутаносиб нестанд;

3. Бо сабаби камтар мавҷуд будани корҳои илмӣ ва умуман вуҷуд надоштани таҳқиқоти илмии мукаммал дар педагогикаи тоҷик таносуби адабиётҳо ба забони тоҷикӣ, русӣ, хориҷӣ ва зикри иктибосҳо дар автореферат ба назар номутаносиб мерасад.

4. Дар баъзе аз саҳифаҳо саҳву иштибоҳоти имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар мерасад (саҳ. 3,7,8,11 ва чанде дигар).

Пешниҳоду эрод ва мулоҳизаҳо ҷанбаи ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши асосии назариявию амалии рисоларо коҳиш дода наметавонанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Дар асоси автореферат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи илмии Давлатов М.А. дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошпрати педагогӣ» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Дар автореферати диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси матни автореферати диссертатсияи Давлатов М.А. дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба бандҳои 76, 77 ва 79-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатов Миралӣ Абдусамадович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи психология ва сотсиологияи
идоракунии Академия идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷ. Х.

12.09.2022.

СУРОҒА: шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир. 33.
ТАМОС: Тел.+992 918 50 63 24. Почтаи электронӣ: info@apa.tj.
Сомона: www.apa.tj

Имзои доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи психология ва сотсиологияи
идоракунӣ Файзализода Ҷ. Х. ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсус Бобозода О.О.